**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Боронов Умедҷон Хуҷамуродович соли 2008 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи омӯзгори забони англисӣ хатм кардааст. Номбурда пас аз хатми донишгоҳ аввал ба сифати ассистент (2008-2016) ва баъдан (2017 то ҳол) ба ҳайси муаллими калон дар кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносии факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият дорад. Мавсуф аз соли 2019 унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ мебошад.

Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар ҷараёни таълифи диссертатсия худро ба сифати унвонҷӯи фаъол, уҳдабаро, ҷӯянда ва огоҳ аз масоили адабиётшиносӣ, робитаҳои адабӣ, назарияи тарҷума, таърихи нақди адабӣ, назмшиносӣ, сабкшиносӣ ва каломи бадеъ нишон дода тавонист. Аз ин лиҳоз, бо боварии комил метавон гуфт, ки номбурда ба сифати мутахассиси соҳаи адабиётшиносӣ ташаккул ёфта, ҳамчун муҳаққиқ мустақилона аз уҳдаи анҷом додани кори илмӣ-таҳқиқотӣ баромада метавонад.

Мақсади асосии кори диссертатсионии Боронов У.Х. таҳқиқ ва мушаххас намудани аҳволу осор ва нақшу ҷойгоҳи Ҳасан Ирфон дар ҷараёни инкишофи насри тоҷикӣ ва ташаккулу мактаби тарҷума дар адабиёти муосири тоҷик мебошад. Ҳамзамон, давраҳои ҳаёт ва фаъолияти нависандагӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфонро дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабӣ аз назар гузаронида, омилҳои асосии ташаккули шахсияти ҳунарии ӯро муайян кардан, баррасӣ ва арзёбӣ намудани тамоюли эҷодии ӯ дар эҷоди осори насрӣ ва интихоби осори тарҷумавӣ, мушаххас намудани саҳми Ҳасан

Ирфон дар инкишофи насри бадеии тоҷикӣ, шинохт ва арзёбии махсусиятҳои ҳунари тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар тарҷумаи осори бадеии адабиёти ҷаҳон, таҳқиқ ва ошкор намудани масъалаи амонат ё худ ҳифзи сабки осори тарҷумашуда дар мисоли баъзе тарҷумаҳои мутарҷим, масъалаҳои интихоби тарҷума, алоқамандии мутарҷим ба матни аслӣ, огоҳии вай аз собиқаи фарҳангии соҳиби асари тарҷумашуда ва тавонмандии адабиро доро будани мутарҷим, ба таври мушаххас таҳлил кардани масъалаҳои назарӣ ва амалии вобаста ба осори тарҷумавии мавриди назар, аз ҷумла, инъикоси услуби нависанда, риояти оҳанг ва тарҷумаи образ бо образ, ки Ҳасан Ирфон ба иҷро расонидааст ва муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи Ҳасан Ирфон дар ташаккул ва таҳаввули мактаби тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия бо далелҳо асоснок буда, саҳеҳияти асосҳои назарии дар диссертатсия пешниҳодшударо комилан дуруст ифода менамояд. Диссертант аз рӯйи мавзуи таҳқиқотияш ҳафт мақола, аз ҷумла, шаштои он дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашр намудааст, ки онҳо шомили рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Ҳаҷми умумии корҳои нашрнамудаи диссертант аз рӯйи мавзуи диссертатсия ба матлаб мувофиқ аст.

Нававарии таҳқиқоти Боронов У.Х. дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал зиндагинома, моҳияти фаъолияти адабӣ, хусусиятҳои осор ва хидматҳои Ҳасан Ирфон дар ташаккули мактаби тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар раванди инкишофи насри бадеӣ ва тарҷумаи касбӣ ба тариқи консептуалӣ таъйин гардидааст.

Натиҷаҳои аз таҳқиқи диссертатсия бадастомада ва маводи он ҷанбаҳои назарии пажуҳиши мавриди назарро дар асоснокии илмӣ ва дарки хусусиятҳои хосси тафаккури бадеӣ, фардияти эҷодӣ ва фаъолияти нависандагию тарҷумонии Ҳасан Ирфон ошкор менамояд. Ба ин далел, осори бадеии

навизанда, аз ҷумла, таҷрибаи тарҷумонии Ҳасан Ирфон таҳлил ва арзёбӣ гардида, қонуниятҳои назарӣ ва амалии масъалаҳои мавриди назар муайян ва мушаххас карда шуд. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқоти анҷомгирифта донишҳои назариро дар боби таърих ва назарияи тарҷума ва фардияти ҳунари навизандагию тарҷумонии Ҳасан Ирфон такмил мебахшад.

Инчунин, аҳаммияти амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва натиҷаи пажуҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, таърихи тарҷума, суханрониҳо аз таърихи адабиёт ва тарҷума дар макотиби миёна ва олӣ, ҳамчунин асоси назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи тарҷумаи муосир истифода кард, зеро фаъолияти адабии Ҳасан Ирфон, бахусус, нақши тарҷумонии вай дар ин самт бузург ва таъсиргузор аст.

Хулоса, диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович кори илмии баитмомрасидаи дорои аҳаммияти назарию амалӣ ва тарҷумоние меҳисобем, ки дар сатҳи хуби илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ҷанбаҳои қавии илми дошта, ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯст. Аз ин рӯ, диссертатсияи мазкурро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, номзади илми филология,
дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ Боқиев Ҳ.О.
01.11.2022

Имзои Ҳ.О. Боқиевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.
Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел: +992(37) 224-13-83